# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ оид ба кори дисертатсионии Холов Сафарали Бегиҷонович дар мавзӯи «Таҳияи таркиб ва технологияи капсула дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатие, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», барои ҳимоя намудан ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D074800 "Технологияи истеҳсолоти фарматсевтӣ"**

Холов Сафарали Бегиҷонович аз давраи донишҷӯи ба корҳои илмӣ машғул аст.

Холов Сафарали Бегиҷонович пас аз хатми дараҷаи бакалаври факултети муштараки тоҷики – россиягӣ ва технологияҳои дурнамои илмиасоси ДТМИК ба риштаи магистратураи факултети фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, дар кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакология ба корҳои илмӣ машғул шуд.

Холов Сафарали Бегиҷонович дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ худро ҳамчун мутахассиси кордон ва боистеъдод нишон дод.

Холов Сафарали Бегиҷонович дар раванди фаъолияти илмӣ қобилияти мустақилона пеш бурдани таҳқиқотҳои назариявӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ оид ба таҳқиқи фитохимиявии мармараки мускатӣ (*Salvia sclarea L.*) ва дар асоси он таҳияи технологияи капсулаҳоро анҷом додааст.

Дар баробари корҳои илмӣ-таҳқиқотиаш Холов Сафарали Бегиҷонович дар байни докторантон, магистрантон ва донишҷӯён докторанти фаъол буда, соли ҷорӣ дар озмуни ҷумҳуриявии "Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон" миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастовардҳо дар бахши фанҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ, бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ҷойи 2-юмро ишғол намуда бо дипломи дараҷаи II сарфароз гардидааст.

Ичунин бо кормандон ва донишҷӯён муоширати хуб дорад.

Кори илмии Холов Сафарали Бегиҷонович ба мавзӯи «Таҳияи таркиб ва технологияи капсула дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатие, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», бахшида шудааст, ки қиматҳои физикӣ-химиявии моддаҳои ҳосилкардашуда ҳамчун маводи маълумотӣ ба ҳисоб рафта, барои мутахассисоне, ки ба таҳқиқи фитохимиявӣ машғуланд, мусоидат менамояд. Инчунин дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия аз фанҳои технологияи фарматсевтӣ, фармакогнозия, химияи органикӣ, биоорганика ва курсҳои махсусӣ аз манфиат холӣ набуда, донишҷӯён,

магистрантон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода қарор дода метавонанд.

Дараҷаи баланди касбиаш ба ӯ имкон дод, ки дар таҳқиқот аз усулҳои муосири барои ҳалли масъалаҳои мураккаб, усулҳои назариявӣ ва амалӣ истифода барад.

Рисолаи илмӣ аз нигоҳи нав ба проблемаҳои муҳими анъанавии назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои кор пурра ва сари вақт дар маҷалаҳои тақризшаванда, нашрияҳои муосир чоп карда шуда, номбурда дар конференсияҳо, семинарҳои байналмилалӣ баромад намудааст.

Холов Сафарали Бегиҷонович дар рафти иҷрои рисола ҷиддияти илмӣ нишон медод.

Дар раванди кори диссертатсионӣ Холов Сафарали Бегиҷонович ҳамчун мутахасиси баландихтисос ва ташаббускор, ба ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳаи илми фарматсия қодир будани худро нишон дод.

Ҳамин тариқ кори дисертатсионии Холов Сафарали Бегиҷонович дар мавзӯи **«Таҳияи таркиб ва технологияи капсула дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатие, ки дар Тоҷикистон мерӯяд»** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимояи расмӣ пешниҳод шуда метавонад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фарматсевтӣ,
профессор — С. Мусозода

Имзои профессор С.М. Мусозодаро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Э. Тавқиев

23.06.24